**«ТАСДИҚ ШУДААСТ»**
**Бо Фармони Директори генералии**
**ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»**
**_________________Раҳмонов Б.Р.**
**аз «08» ноябри соли 2025, №168/25**

# ҚОИДАИ
# СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ МОЛУ МУЛКИ БА ГАРАВ ГУЗОШТАШУДА

**Душанбе – 2025**

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаи суғуртаи ихтиёрии молу мулки ба гарав гузошташуда (минбаъд – «Қоида» ё «Қоидаи суғурта») мутобиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

1.2. Шартҳое, ки дар Қоидаи суғурта мавҷуданд ва ба матни Шартномаи суғурта дохил карда нашудаанд, барои Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) ҳатмӣ мебошанд ва худи Қоида дар сомонаи расмии Суғуртакунанда дар шабакаи иттилоотӣ – коммуникатсионии «Интернет» бо суроғаи: www.spi.tj ҷойгир шуда бошад ё Қоида дар як ҳуҷҷат бо шартномаи суғурта ё дар саҳифаи қафои он зикр шуда бошад ва ё ба он замима карда шуда бошад. Дар ҳолати охирин ба Суғурташаванда супоридани Қоидаи суғурта ҳангоми бастани шартномаи суғурта бо қайд шудани он дар шартномаи суғурта тасдиқ карда мешавад.

1.3. Суғуртакунанда дар асоси Қоидаи суғурта Шартҳои полиси суғурта ё Иқтибос аз Қоидаи суғуртаро барои шакли (намуди) мушаххаси Шартномаҳои суғурта, ки дар асоси Қоидаи суғурта баста мешаванд, ба Суғурташавандаи мушаххас ё бахше аз Суғурташавандагон нигаронида шудаанд ва шартҳои суғуртаро инъикос менамоянд, таҳия намояд, алалхусус: субъектҳо ва объектҳои суғурта, номгӯи ҳодисаҳои суғуртавӣ, муҳлат ва тартиби пардохти мукофоти суғуртавӣ, муҳлати амали Шартномаи суғурта, тартиби муайян намудани маблағи ҷуброни суғуртавӣ, дигар муқаррарот, то он ҳадде, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаи суғурта мухолифат надошта бошад. Чунин Шартҳои полис ё иқтибосҳо аз Қоидаи суғурта ба Шартномаи суғурта замима карда мешаванд ва қисми ҷудонашавандаи он мебошанд. Дар ҳолати татбиқ шудани Шартҳои полиси суғурта ё Иқтибосҳо аз Қоидаи суғурта шартномаи суғурта аз Полиси суғуртавӣ ва Шартҳои полиси суғурта ва ё Иқтибосҳо аз Қоида, ки дар Полиси суғуртавӣ ба он истинод оварда мешавад ва он қисми таркибии Шартномаи суғурта ба шумор меравад, иборат мебошад.

1.4. Суғуртакунанда метавонад ба гурӯҳҳои алоҳидаи шартномаҳои яккелаи суғурта, ки дар асоси шартҳои Қоидаи суғурта баста шудаанд, номи маркетингӣ гузорад то он ҳадде, ки ин ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунад ва бо он тартибе, ки муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

1.5. Арзиши молу мулки ба гарав гузошташуда дар вақти суғуртакунӣ ба ҳуҷҷатҳои баҳодиҳии мақомотҳои ваколатдор ва/ё баҳогузорони мустақили дорои ваколат оид ба арзёбии молу мулки ба гарав гузошташуда асос меёбад.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

2.1. Дар Қоидаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– **фаъолияти суғуртавӣ** – фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

(азнавсуғуртакунӣ), ки дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад;

– **мақоми назорати суғуртавӣ** – Бонки миллии Тоҷикистон, ки вазифаҳои танзиму назоратро дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ анҷом медиҳад;

– **суғуртакунӣ** – муносибатҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои қонунии молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавии муайян аз ҳисоби фондҳои пулии аз мукофотҳои суғуртавии (мукофоти суғуртавии) пардохтшуда, инчунин маблағҳои дигари ташкилотҳои суғуртавӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ташаккул ёфтаанд;

– **азнавсуғуртакунӣ** – фаъолияти як ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба ҳимояи манфиатҳои молумулкии ташкилоти суғуртавии (азнавсуғурташавандаи) дигар, ки бо базиммагирии ӯҳдадориҳо аз тарафи охирин ҷиҳати анҷом додани ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) аз рӯи шартномаи суғурта алоқаманд мебошад;

– **объекти суғурта** – манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд;

– **ташкилоти суғуртавӣ** – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад;

– **Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст;

– **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси иҷозатномаи аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад.

– **Фоидагиранда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғурта таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

– **хавфи суғуртавӣ** – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад;

– **тарифи суғуртавӣ** – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ;

– **ҷуброни суғуртавӣ** – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи шартномаи суғурта ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд;

– **мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда ӯҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мӯҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқаррargардида пардохт намояд;

– **маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– **ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

– **сирри суғуртавӣ** – сирри тиҷоратии Суғурташаванда, шахси суғурташуда ё фоидагиранда ва ё маълумоти дигар оид ба Суғурташаванда, шахси суғурташуда ё фоидагиранда, ки дар амалигардонии фаъолияти суғуртавӣ ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва шахси фаъолияти миёнаравии суғуртавиро анҷомдиҳанда (агент, брокер) маълум гардидааст;

– **шартномаи суғурта –** шартнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки тибқи он Суғурташаванда уҳдадор аст мукофоти суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ уҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба молу мулки суғурташуда зарари воқеӣ ё зарар нисбати дигар манфиатҳои молумулкии суғурташуда расонида шудааст, бо шартнома пешбинишуда ба Суғурташаванда ё шахси сеюм (Фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, ҷуброни суғуртавиро анҷом диҳад;

– **полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷат дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) тасдиқ менамояд.

## 3. ОБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Молу мулки аз ҷониби нотариус тасдиқшуда ва таҳти гарав ба Бонк додашуда барои гирифтани кредит аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (Суғурташаванда) объекти суғурта ба шумор меравад.

3.2. Аз рӯи шартномаи суғурта, ки дар асоси Қоидаҳо баста шудааст, молу мулки ғайриманқул суғурта шуда метавонад. Объектҳои ғайриманқул дар умум (бино ва иншоотҳо), инчунин қисмҳо ва унсурҳои алоҳидаи онҳо (қисми бино, манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, ороишҳои дохилӣ, таҷҳизоти муҳандисӣ) дохил мешаванд.

3.3. Тибқи шартномаи суғурта, ки дар асоси Қоидаҳо баста шудааст, молу мулки манқул суғурта шуда метавонад. Ба молу мулки манқул гурӯҳи зерини молу мулк дохил мешавад:

– таҷҳизот ва мошинҳои саноатӣ, истеҳсолӣ, савдо ва технологӣ, аз ҷумла таҳкурсиҳои мошинҳои истеҳсолотӣ ва ба он монанд;

– мебел, таҷҳизоти техникӣ ва идора, асбобу анҷоми хоҷагидорӣ, ашёи дохили бино, агар онҳо арзиши бадеӣ ё антиқавӣ надошта бошанд;

– таҷҳизоти компютерӣ ва оргтехника, техникаи электронӣ ва маишӣ;

– арзишҳои молию моддӣ;

– молу мулки дигари манқул, ки дар шартномаи суғурта нишон дода шудааст ва аз бандҳои дигари Қоидаҳо бароварда нашудааст.

3.4. Дар ҳолате ки ҳар як воҳиди молу мулки суғурташуда ба таври алоҳида дар шартномаи суғурта нишон дода нашуда бошаду танҳо гурӯҳи молу мулк, аз

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

рӯи нишонаҳои таснифотӣ оварда шуда бошад, (масалан, мошин, таҷҳизот, мебел ва асбобу анҷоми хоҷагидорӣ ва амсоли онҳо) зери молу мулки суғурташуда ҳамаи ашёи дар ҳудуди Суғурташаванда, ки қисми чунун гуруҳҳои молу мулк ба ҳисоб мераванд, аз ҷумла он молу мулке, ки дар лаҳзаи бастани шартномаи суғурта мавҷуд буд ва он молу мулке, ки минбаъд ба он гурӯҳ ҳамроҳ карда шуда буд, аз ҷумла молу мулки шахсони сеюм, ки ба Суғарташаванда барои нигоҳдорӣ, таъмир ва амсоли он таҳвил дода шудааст, агар он бо шартномаи дигар суғурта нашуда бошад, фаҳмида мешавад.

3.5. Ҳамаи хароҷотҳои суғурташудаи дар боло овардашуда, баробари ба охир расидан, ҷуброн мешаванд.

3.6. Тибқи мувофиқа байни Суғурташаванда ва Суғурткунанда дар шартномаи суғурта бо дарназардошти муқаррароти Қоидаи мазкур намудҳои дигари суғурта пешбинӣ шуда метавонад.

## 4. СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

4.1. Тибқи Қоидаи мазкур субъекти суғурта Суғурткунанда, Суғурташаванда, Фоидагиранда эътироф карда мешаванд.

4.2. Ба сифати Суғурткунанда ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс», ки барои амалӣ намудани намуди дахлдори суғурта Иҷозатнома дорад, баромад мекунад.

4.3. Суғурташаванда шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба ҳисоб мераванд, ки бо Суғурткунанда Шартномаи суғурта бастаанд.

4.4. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад дар мавриди бастани шартномаи суғурта шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои гирифтани ҷуброни суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта Фоидагирандаро таъин намояд.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Суғурткунанда ба Суғурташаванда зарарҳои дар натиҷаи сӯхтор, задани раъду барқ, таркиш, афтидани предметҳои бегона пардохт менамояд.

5.2. Зери мафҳуми сӯхтор сӯхтан ба намуди оташфурӯзии кушод ё кӯрдуд сӯхтан, ки на дар ҷойи махсуси ҷудокардашуда ё худ берун аз ҳудуди ин гуна ҷой паҳн гаштааст ва метавонад мустақилона паҳн гардад, фаҳмида мешавад.

5.3. Зери мафҳуми зарари бевоситаи аз сӯхтор ба молу мулки суғурташуда расида, ҳарорати баланд, маводи сӯзиш (дуд, сиёҳии дуд ва ба он монанд) инчунин зарари расонидашуда ба молу мулки суғурташуда ҳангоми иҷрои чорабиниҳо оид ба хомӯш кардани сӯхтор.

5.4. Зарари бо дастгоҳҳои барқӣ дар натиҷаи таъсири ҷараёни барқ (аз ҷумла расиши кӯтоҳ, баланд рафтани қувваи ҷараён ё шиддат) бо шарора ҳамроҳикунанда ё ҷудокунии гармӣ. ғайр аз ҳолатҳои пайдоиши шӯълаи кушод, расонидашуда. Зери мафҳуми дастгоҳҳои барқӣ мутобиқи Қоидаҳо ҳамагуна объектҳо, ки дар он истеҳсолот амал мекунад, интиқол, тағйирёбӣ ё истифодабарии қувваи барқ, аз ҷумла кабел ва симҳои барқӣ, фаҳмида мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

5.5. Зери мафҳуми зарбаи гулӯлабарқ бевосита расидани безараршавии барқи атмосферӣ (разряд) ба молу мулки суғурташуда фаҳмида мешавад.

5.6. Зери мафҳуми зарари дар натиҷаи зарбаи гулӯлабарқ расонидашуда, зарари ба молу мулки суғурташуда дар натиҷаи таъсири бевоситаи термикӣ ё электродинамикии гулӯлабарқ расонида, фаҳмида мешавад.

5.7. Зери мафҳуми таркиш раванди босуръат гузарандаи озодшавии миқдори зиёди энергия дар ҳаҷми маҳдудшуда дар давраи кӯтоҳи вақт, бо кӯшиши васеъшавии газ ё буғ фаҳмида мешавад.

5.8. Мутобиқи Қоидаҳо ҷуброни зарари бо сабаби таркиши гази бо мақсади маишӣ ё истеҳсолӣ истифодабаранда, таркиши дегҳои буғ, ҷойҳои нигоҳдории газ, налҳои газ, зарфҳои зери фишор кормекарда ва дастгоҳҳои ба он монанд, инчунин таркиши маводҳои таркишӣ пардохта мешавад.

5.9. Таркиши зарф (дег, нали газ ва ба он монанд) танҳо он вақт таркиш эътироф карда мешавад, ки девори зарф ба дараҷаи кофӣ канда шавад ва фишори дарун ва беруни зарф дар як лаҳза баробар гардад.

5.10. Агар таркиш дар даруни зарф бо сабаби тағйирёбии химиявӣ рух диҳад, зарари ба зарф расонидашуда, ҳатто ҳангоми деворҳои зарф канда нашудан, чӣ тавре ки дар боло нишон дода шудааст, ҷуброни карда мешавад.

5.11. Зери мафҳуми ҷуброни зарар аз дастгоҳҳои парвозкунанда, танҳо зарари бевосита ба молу мулки суғурташуда таъсир расонидаи дастгоҳи парвозкунандаи афтида, пораҳои он ё бор фаҳмида мешавад.

5.12. Суғуртакунанда ба Суғурташаванда зарарҳои дар натиҷаи офатҳои зерини табиӣ бавуҷдомадаро пардохт менамояд: тӯфон, жола, обхезӣ, заминларза, оташфишонии вулқон, шиштани хок, ярч, тарма. Суғуртакунанда ба Суғурташаванда товони зарари дар натиҷаи вайроншавӣ аз об ё моеъҳои дигар аз системаи бо об таъминкунӣ, канализатсия, гармидиҳӣ ва системаҳои автоматии оташхомӯшкунӣ бо об расидаро, пардохт менамояд.

5.13. Суғуртакунанда ба Суғурташаванда ҷуброни зарари дар натиҷаи дуздӣ бо шикаста даромадан, дуздӣ ё тороҷ ва дуздиву тороҷ ҳангоми ҳамлу нақл расидаро, пардохт менамояд.

## 6. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Аз таъсири ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ (падидаҳо). Зери мафҳуми ҳолати фавқулоддаи табиӣ тибқи Қоидаҳо фаҳмида мешаванд:

6.1.1. Падидаҳои хавфноки геологӣ, алалхусус:

6.1.2. Заминҷунбӣ (такони зеризаминӣ ва ҷунбиши қабати болои замин, ки дар натиҷаи ногаҳон аз ҷои худ беҷошавӣ ва кафидани қишри замин ё мантияи болои Замин ба вуҷуд омада, ба масофаи дароз дар намуди ҷунбишҳои чандир мегузаранд).

6.1.3. Фурӯравӣ (канда шудан ва афтидани маҷмӯъи калонҳаҷми ҷинсҳои кӯҳӣ аз нишебиҳои ҷариҳои кӯҳ, водии дарё ва соҳили баҳр, ки аз ҳисоби суст

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

гардидани пайвасти ҷинсҳои кӯҳӣ зери таъсири ҷараёни шамол, ҳаракати обҳои боло ва феризаминӣ ба вуҷуд меоянд).

6.1.4. Лағжиш-ярч (ҷойивазкунии маҷмӯъии ҷинсҳои кӯҳӣ аз болои нишебиҳо зери таъсири вазни худ ва сарбории иловагӣ дар натиҷаи шуста бурдани нишебӣ, намнокии барзиёд, такони сейсмологӣ.

6.1.5. Падидаҳои хавфноки гидрологӣ, алалхусус обхезӣ – тӯфони об (зери об мондани минтақа, ғарқшавӣ, ки офати табиӣ мебошад).

6.1.6. Падидаҳои хавфноки метеорологӣ, алахусус тундбод, тӯфон, гирдбод, зарбаи барқ, жола.

6.1.7. Фаросии як ё якчанд ҳодисаҳои дар боло номбаршуда, ки ба расонидани зарар дар натиҷаи ҳолатҳои фавқуллодаи табиӣ (падидаҳо) оварда мерасонанд ва ба вуҷуд омадани он аз ҷониби хадамотҳои дахлдори метеорологӣ ва дигар мақомотҳои ваколатдори салоҳиятдор тасдиқ карда шудааст.

6.1.8. Афтидани ҷисмҳои бегона, аз он ҷумла барфу ях.

## 7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Маблағи суғуртавӣ маблағе, ки ба Суғурташавандагон дар маҷмӯи ҳамаи ҳолатҳои суғуртавии дар давраи муҳлати амали шартномаи суғурта бо молу мулк суғурташуда рӯйдода, ки нисбат ба он муқаррар карда шудааст, пардохт карда мешавад.

7.2. Ҳангоми ба сурати расми даровардани шартномаи қарзӣ ба хотири гирифтани қарзи бонкӣ молу мулки ба гарав гузошташуда аз тарафи комиссияи арзёбӣ аз ҷумлаи мутахассисон ва экспертҳои бонк баҳодиҳӣ карда мешавад.

7.3. Маблағи суғуртавӣ бо мувофиқаи Суғурташаванда ва Суғуртакунанда муқаррар карда мешавад.

7.4. Маблағи суғуртавӣ метавонад бо шартнома дар умум (маблағи умумии суғуртавӣ) инчунин аз рӯи гуруҳҳои ҳамҷинс, ё аз рӯи ҳар кадом воҳиди молу мулк суғурташуда ва аз рӯи хароҷотҳои ба гурӯҳҳо тақсимшудаи суғуртавӣ муқаррар гардад.

7.5. Маблағи суғуртавӣ набояд аз арзиши молу мулки ба гарав гузошташуда суғурташуда зиёд бошад.

7.6. Арзиши суғуртавии (воқеии) молу мулки ба гарав гузошташуда баробар қабул карда мешавад:

– барои бино ва иншоотҳо – арзиши лоиҳавии сохтмон дар маҳалли мазкур, ки аз рӯи тавсифи лоиҳавӣ ва сифати масолеҳи сохтмонии бино (иншоот) шабоҳатдошта, вобаста ба фарсудашавӣ бо фоиз кам кардашуда;

– барои манзил – арзиши бозории манзил, ки ба майдони шабоҳатдоштаи суғурташуда аз рӯи таъинот, масоҳат, тарҳрезӣ, фарсудашавӣ ва ҳолати физикӣ, ки дар маҳалли мазкур (маҳалли зист, ноҳияи маҳалли зист) ҷойгир аст;

– барои ороиши бино, иншоот, манзил – хароҷотҳои зарурӣ барои гузаронидани корҳои такрории ороишӣ (қимати масолеҳро ба назар гирифта) аз

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

рӯи ҳаҷм ва сифат, ки ба ороиши суғурташуда мувофиқ аст, бо аз ҳисоб баровардани фарсудашавии он;

– барои мошин ва таҷҳизот – арзиши харидории аз рӯи таъинот ва тавсифҳои истифодабарию техникӣ ба мошин ва таҷҳизоти нав монанд, аз ҷумла хароҷот барои ҳамлу накл, бастабандӣ, пардохти боҷи гумрук (ҷамъкунии иловагӣ, ки зиёда аз боҷи гумрук мебошад), пардохтҳои дигари ҳатмӣ, бо нигоҳ доштани маблағе, ки ба он арзиши мошин ва таҷҳизот дар натиҷаи фарсудашавӣ кам карда шудааст;

– барои мебел ва асбобу анҷом – арзиши харидории предметҳои нави монанд бо нигоҳ доштани маблағи фарсудашавӣ дар натиҷаи истифодабарии онҳо;

– барои маҳсулоти итеҳсолкунандаи Суғурташаванда (истеҳсолоти ба охир нарасида ва маҳсулоти тайёр) – арзиши такроран истеҳсол кардани он, аз ҷумла хароҷот барои харидории ашёи хом, нимтайёр ва хароҷотҳои нақлиётӣ (фрахт (пардохти киропулии боркашонӣ бо роҳи обӣ), хароҷот барои суғурткунии бор, боҷи гумрукӣ), лек на зиёда аз нархи фурӯши он, баробар қабул карда мешавад;

– барои молҳои харидорӣ кардаи Суғурташаванда бо мақсади фурӯши минбаъда, барои маводи хом ва масолеҳи харидорӣ намудаи Суғурташаванда, маблағи суғуртавӣ баробар ба арзиши харидории масолеҳи ба он шабоҳатдошта, аз ҷумла хароҷотҳои нақлиётӣ, (фрахт, хароҷот барои суғурткунии бор, боҷи гумрукӣ), қабул карда мешавад;

– дар сурате, ки мол аллакай фурӯхта шудааст (тайёр ё баохирнарасида) қимати суғуртавии он ба қимати бозорӣ, аз ҷумла маблағи нигоҳдошташудаи хароҷотҳои ғайриистеҳсолотӣ барои борпечонӣ ва ҳамлу нақл, баробар қабул карда мешавад;

– барои қоғазҳои қиматнок – маблағи хароҷот барои азнавистеҳсолкунӣ ва чопкунӣ;

– барои барандагони маълумотҳо, системаи электронии идоракунӣ ё барномаҳои истифодабарии умум, ба истисноии маълумотҳои дар онҳобуда, - маблағи хароҷотҳо барои барқарор кардани лифофаи маълумотҳо ва инсталлятсияи (шинондан) барномаҳо, ба истисноии хароҷот барои барқарор намуди худи маълумотҳо.

7.7. Мутобиқи қисми 8, моддаи 20 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» Суғурткунанда ҳуқуқ дорад, ки назорати беосеб нигоҳ доштани молу мулки суғурташударо анҷом диҳад ва дар ҳолати муқаррар намудани далелҳои муносибати бесарусомонона ё нигоҳдории номатлуби молу мулки суғурташуда ба Суғурташавандагон оид ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида таъиноти барои иҷро ҳатмӣ пешниҳод намояд ва дар сурати иҷро накардани он ҳуқуқ дорад андозаи маблағи суғуртавиро кам кунад.

7.8. Арзиши суғуртавии (воқеии) молу мулки ба гарав гузошташуда муайян карда шуда метавонад:

– дар асоси арзиши эълоннамудаи Суғурткунанда ба шарти пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳаҷми он;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– дар асоси баҳодиҳии эксперти мустақил, ташкилоти ё мумайизи Суғуртакунанда;

– дар асоси шартномаи таҳвилдиҳӣ ё хариду фурӯш, ҳисоб-фактура, чек;

– дар асоси арзиши барқароркунии молу мулки манқул ва ғайриманқул, яъне арзиши сохтмони он, истеҳолот, чизи харидашуда;

– дар асоси нархи бозорӣ.

## 8. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Меъёри тарифӣ дар асоси меъёрҳои тарифии базавӣ бо дарназардошти шартҳои мушахасси суғуртавӣ муқаррар карда мешавад.

8.2. Ҳангоми муайян кардани маблағи мукофоти суғуртавӣ, ки тибқи шартномаи суғурта бояд пардохт карда шавад, Суғуртакунанда тарифҳои суғуртавиеро, ки аз ҷониби ӯ ҳисоб карда шудаанд ва ба мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқа гардидаанд, бо назардошти дараҷаи хавфи суғуртавӣ, муҳлати суғурта, хавфҳои суғурташуда, инчунин дигар ҳолатҳое, ки барои муайян намудани эҳтимолияти фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарари имконпазир аҳамияти муҳим доранд, ҳисоб карда шудаанд, истифода мебарад.

8.3. Суғуртакунанда дар ҳар як ҳолати мушаххас ҳангоми бастани шартномаи суғурта барои муайян намудани дараҷаи хавфи суғуртавӣ ва баҳисобгирии хусусиятҳои молу мулки мушаххас ҳуқуқ дорад ба меъёрҳои заминавии тарифӣ коэффитсиентҳои болораванда ва пастшавандаро (минбаъд номида мешавад – коэффитсиентҳои ислоҳӣ) мутобиқи Услубҳои иҷозатдодашудаи ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ ба Қоидаи мазкур истифода барад. Қарор дар бораи ҳаҷми муайяни коэффитсиенти баландкунанда ё пасткунанда аз ҷониби Суғуртакунанда пас аз омӯзиш ва баҳодиҳии маълумот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамуда ва имзонамудаи Суғурташаванда қабул карда мешавад. Андозаи мушаххаси тарифи суғуртавӣ бо мувофиқаи тарафҳо дар шартномаи суғурта муайян карда мешавад.

## 9. МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ

9.1. Ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ дар асоси маблағҳои суғуртавӣ, меъёрҳои тарифавӣ ва муҳлати суғурта ҳисоб карда мешавад.

9.2. Дар сурати ба муҳлати камтар аз як сол бастани шартномаи суғуртави мукофоти суғуртавӣ бо тариқи зерин аз ҳаҷми солона пардохт карда мешавад: 1 моҳ – 20%, 2 моҳ – 30%, 3 моҳ – 40%, 4 моҳ – 50%, 5 моҳ – 60%, 6 моҳ – 70%, 7 моҳ – 75%, 8 моҳ – 80%, 9 моҳ – 85%, 10 моҳ – 90%, 11 моҳ – 95%.

9.3. Пардохти мукофоти суғуртавӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад.

9.4. Рӯзи пардохти мукофоти суғуртавӣ аз тарафи Суғурташаванда рӯзи ба суратҳисоби Суғуртакунанда дохил шудани воситаҳои пулӣ ба ҳисоб меравад.

9.5. Ҳангоми напардохтани мукофоти суғуртавӣ ё мукофоти аваллин дар ҳаҷм ва муҳлати дар шартномаи суғурта пешбинишуда, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз иҷрои шартномаи суғурта ба таври хаттӣ Суғурташавандаро дар ҷараён гузошта, бо тартиби яктарафа даст кашад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
РАДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

9.6. Агар пардохти ҳаққи суғуртавии навбатӣ дар зарфи 30 рӯзи тақвимӣ пас аз санаи дар шартномаи суғурта пешбинишуда чун рӯзи охирони пардохти ҳаққи суғуртавии навбатӣ ба ҳаҷми пурра сурат нагирад, шартномаи суғурта пеш аз муҳлат бо гузаштани 30 рӯзи тақвимӣ ба охир мерасад.

9.7. Мукофоти суғуртавӣ бо пули миллии сомонӣ муқаррар карда мешавад. Бо созиши тарафҳо дар Шартномаи суғурта мукофоти суғуртавӣ метавонад дар ҳаҷми баробарҳаҷми бо асъори хориҷӣ муқарраргардида, муқаррар карда шавад.

Ҳангоми суғуртакунӣ бо ҳамарзиши асъорӣ мукофоти суғуртавӣ бо пули миллии сомонӣ аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон, ки барои асъори хориҷӣ дар санаи пардохт муқаррар гардидааст (ба ҳисобгузаронӣ) пардохт карда мешавад.

Дар ҳолатҳое, ки аз ҷониби қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобу китоби байни Тарафҳои Шартномаи суғурта бо асъори хориҷӣ иҷозат дода мешавад, мукофоти суғуртавӣ метавонад инчунин ба Суғурташаванда бо асъори хориҷӣ пардохт карда шавад.

## 10. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАҲОИ СУҒУРТА

10.1. Суғуртаи молу мулки ба гарав гузошташударо Суғурташаванда (Гаравдеҳ) аз рӯи Шартномаи суғуртаи молу мулки ба гарав гузошташуда анҷом медиҳад. молу мулки ба гарав гузошташуда, ки объекти моликияти Гаравдеҳ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ба истиснои ҳодисаҳои пешбиникардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» бояд суғурта карда шавад.

10.2. Шартномаи суғурта танҳо ба фаидаи шахсе, ки дар асоси қонун, санади дигари ҳуқуқӣ ё шартнома ба нигоҳдорӣ гирифтани молу мулки ба гаравгузоштаи суғурташуда манфиатдор аст (соҳиби моликияти хусусӣ, иҷорагиранда, гаравгир, шахси идоракунанда молу мулк бо ҳуқуқи бурдани хоҷагидорӣ ё роҳбарии фаврӣ ва монанди инҳо) баста шуда метавонад. Шартномаи суғуртавии дар мавриди дар Суғурташаванда (Фоидагиранда) барои нигоҳдории молу мулки суғурташуда, набудани манфиат беэътибор дониста мешавад.

10.3. Ҳангоми ҳуқуқ ба молу мулки ба гарав гузошташуда суғурташуда (гаравгузошта) аз шахсе, ки ба манфиати ӯ шартномаи суғурта баста шуда буд, ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқи молу мулки мазкур ба ӯ гузашта буд, ба истиснои ҳолатҳои маҷбуран кашида гирифтани он дар асоси дар банди 2 моддаи 306 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондодашуда ва аз ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ даст кашидан (моддаи 307 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

10.4. Шартномаи суғурта дар асоси аризаи хаттии Суғурташаванда баста мешавад.

10.5. Дар ариза Суғурташаванда уҳдадор аст, ки маълумоти пурра ва саҳеҳро оид ба объекти суғурташаванда ва иттилооти дигари заруриро мутобиқи реквизитҳои бланки аризаи бонкӣ нишон диҳад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.6. Маълумотҳои аз тарафи Суғурташаванда дар ариза овардашуда чун ҳолатҳои аҳамияти муҳимдошта барои муайян намудани имконияти фарорасии ҳодисаҳои суғуртавӣ эътироф карда мешавад.

10.7. Ғайр аз маълумотҳои дар бланки ариза пешбинишуда, Суғурташаванда уҳдадор аст, ки иттилооти дигари аз тарафи Суғурткунанда талабкардашударо оид ба ҳолатҳо, ки аҳамияти муҳим барои муайян намудани имконияти фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарарҳои имконпазир аз фарорасии он (хавфи суғуртавӣ) дорад, пешниҳод намояд.

10.8. Суғурткунанда ҳуқуқ дорад дар давоми муҳлати шартномаи суғурта ҳолат ва арзиши молу мулки суғурташуда ва саҳеҳияти маълумотҳои аз тарафи Суғурташаванда пешниҳодгардидаро тафтиш кунад.

10.9. Дар сурати аз тарафи Суғурташаванда (Фоидагиранда) пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳақиқат мувофиқат намекунанд, додани маълумоти бараъло бардурӯғ, ки барои муайян кардани дараҷаи таваккали суғуртавӣ аҳамияти муҳим доранд ва дигар ҳолатҳои фиреби барқасдонаи Суғурткунанда, охирин ҳуқуқ дорад ба тариқи хаттӣ Суғурташавандаро огоҳ намуда, дар асоси талаботи банди 2 моддаи 196 – и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон Шартномаи суғуртаро қатъ намояд.

10.10. Шартномаи суғурта ба ҳама гуна муҳлати мувофиқакардаи Тарафҳо баста шавад.

10.11. Шартномаи суғурта аз соати 00:00 дақиқаи санаи дар он нишондодашудаи оғози суғурта қувва пайдо карда, то соати 23:59 дақиқа санаи ба охир расидани муҳлати суғурта амал мекунад.

10.12. Танҳо ба он ҳодисаҳои суғуртавӣ паҳн мегардад, ки онҳо рух додаанд:

10.13. Аз соати 00:00 дақиқаи санаи дар шартнома чун санаи оғози муҳлати суғурта, лек на пеш аз рӯзи дигари пас аз пардохти мукофоти суғуртавӣ ва ё қисми якуми мукофоти суғуртавӣ аз тарафи Суғурташаванда ҳисобида мешавад;

10.14. То соати 23:59 дақиқаи санаи дар шартнома чун санаи ба охир расидани муҳлат нишондодашуда.

10.15. Шартномаи суғурта дар шакли хаттӣ ё электронӣ баста мешавад.

10.16. Дар сурати ба Суғурташаванда дар асоси аризаи ӯ супоридани полиси суғуртавӣ, ризоияти Суғурташаванда ба бастани Шартномаи суғурта бо шартҳои аз тарафи Суғурткунанда пешниҳодшуда (Аксепти Суғурташаванда) бо аз тарафи Суғурташаванда аз Суғурткунанда гирифтани полиси суғуртавӣ тасдиқ мегардад.

10.17. Полиси суғуртавӣ дар ду нусхаи якхела барои Суғурткунанда ва Суғурташаванда тартиб дода шавад, ба имзо расад, ки ҳар ду нусха қувваи баробари ҳуқуқӣ доранд. Дар сурати мувофиқат накардани иттилоот дар полиси суғуртавӣ дар дасти Суғурткунанда ва дар нусхаи дар дасти Суғурташаванда мавҷудбуда, ҳолатҳои дар нусхаи полиси суғуртавӣ дар дасти Суғурткунандабуда қувваи бартариро дорад.

10.18. Намунаи полиси суғуртавӣ аз тарафи Суғурткунанда таъин ва тасдиқгардида дар шакли электронӣ дар асоси маълумотҳои пешниҳоднамудаи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ ...
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Суғурташаванда ташаккул ёфта метавонад. Мундариҷаи намунаи полиси суғуртавӣ дар лифофаи қоғазии бо мӯҳр тасдиқгардида ва ба шакли электронӣ ҳуҷҷатонида бо имзои рақамии электронии намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда тасдиқ шуда метавонад. Имзои рақамии электронӣ дар ҳуҷҷати электронӣ ба имзои дастӣ мондаи намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда дар полиси суғуртавӣ дар лифофаи қоғазӣ, бо мӯҳр тасдиқшуда баробарқимат дониста мешавад.

10.19. Ба имзо расонидани полиси суғуртавӣ бо истифодаи тасвири факсимилии имзои намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда ва мӯҳри Суғуртакунанда ба мувофиқа расонидани имзои Шартномаи суғурта аз тарафи Суғуртакунанда мебошад.

10.20. Ба имзо расонидани созишномаҳои дигар ё тағйирот ба Шартномаи суғурта, созишнома оид ба бекоркунии Шартномаи суғурта ва ҳуҷҷатҳои дигар вобаста ба бастан, ба иҷро расонидан, тағйирот даровардан, ба охир расонидани Шартномаи суғурта аз тарафи Суғуртакунанда бо истифода аз тасвири факсимилии имзои намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда ва мӯҳри Суғуртакунанда ба мувофиқ расонидани имзои созишнома, тағйиротҳо, ҳуҷҷатҳои дигар аз тарафи Суғуртакунанда мебошад.

10.21. Агар бо созишномаи тарафҳо чизи дигаре пешбинӣ нашуда бошад, пардохти мукофоти суғуртавӣ мутобиқи шартҳои Шартномаи суғуртавии басташуда, тасдиқи аз тарафи Суғурташаванда гирифтани полиси суғуртавӣ ва Қоидаҳои суғутакунӣ ба ҳисоб меравад.

10.22. Ҳамаи тағйиротҳо ва иловаҳо ба Шартномаи суғурта аз тарафи Суғуртакунанда дар шакли созишномаҳои иловагӣ ба он ба расмият даровarда мешавад.

10.23. Ҳамаи хабарномаҳо ва огоҳиномаҳо оид ба иҷро ва қатъ гардидани Шартномаи суғурта ба суроғаҳое, ки дар Шартномаи суғурта нишон дода шудаанд ирсол мегарданд. Дар сурати тағйир ёфтани суроғаҳо ё реквизитҳо Суғуртакунанда ва Суғурташаванда уҳдадоранд, ки дар муддати 30 рӯзи тақвимӣ ҳамдигарро дар ҷараён гузоранд. Агар Суғуртакунанда ё Суғурташаванда дар бораи иваз шудани суроға ва реквизитҳо аз тарафи дигар хабардор нашуда бошанд, пас ҳамаи огоҳиномаҳо, хабарномаҳо, ки ба суроғаи пештара ирсол гардида буданд, гирифтагӣ ба ҳисоб меравaнд.

10.24. Тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки пеш аз муҳлат шартномаи суғуртаро дар ҳолатҳои дар Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, қатъ кунанд.

## 11. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

11.1. Суғурташаванда уҳдадор аст:

11.1.1. Ҳамаи чораҳои зидди сӯхтор ва бехатарии саноатиро, ки дар қонунҳо, санадҳои дигари меъёрӣ, қоидаҳо, дастуруламалҳои дохилии Суғуртакунанда оварда ва инчунин дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, бояд риоя кунад.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.1.2. Аз меъёри бехатарии зидди сӯхтор ва саноатӣ, ки мақомоти давлатии назоратӣ тасдиқ намудааст, дур шудан роҳ дода мешавад, ё агар Суғурташаванда ба таври хаттӣ Суғуртакунандаро оид ба ин гуна дуршавӣ хабардор кардааст ва Суғуртакунанда молу мулкро барои суғуртакунӣ қабул кардааст.

11.1.3. Ба Суғуртакунанда ҷуброни суғуртавиро (ва ё қисмати мутобиққунандаи онро) баргардонад, агар ошкор карда шавад, ки чунин ҳолате, ки аз рӯи қонунунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаи суғурта ва Шартномаи суғурта, пурра ва ё қисман Суғурташандаро аз ҳуқуқ ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ маҳрум менамояд.

11.1.4. Дар ҳолате, ки дар асоси қонун ё шартнома ба Суғуртакунанда уҳдадории дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани молу мулки суғурташуда, хусусан, дастгоҳҳо ва мошинҳо, ки бо системаи бо об таъминкунӣ, гармидиҳӣ, канализатсия; бом ва таҷҳизот, ки дар тарафи берунаи бино васл карда шудааст ва мутобиқи қоидаҳои истифодабарӣ ва талаботи дастуруламали истеҳсолкунанда, онро истифода бурдан мумкин аст, дар ҳолати вайрон шудан ба таври таъҷили онро таъмир бояд кунад.

11.1.5. Чорҳои ҳифзи иттилоот ва маълумотҳоро, ки дар барандагони суғурташударо, ки қонун, стандартҳои соҳавӣ, ҳуҷҷатҳои дохилии Суғурташаванда муайян кардааст ва уҳдадориҳои дигарро риоя намояд.

11.1.6. Дигар уҳадориҳои дар Шартномаи суғурта, Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршударо иҷро намояд.

11.1.7. Нисбат ба аз тарафи Суғурташаванда чораҳои ҳифз ва муҳофизати зиддисухтор эълонкардашуда бояд талаботҳои зерин иҷро гарданд:

- воситаҳои оташхомӯшкунӣ (оташхомӯшкунак, спринклерҳо, дренчерҳо) бояд васл, тафтиш карда, дар ҳолати корӣ бошанд;

11.1.8. Системаҳои ҳифз ва сигнализатсияи сӯхтор:

- бояд тафтиш карда шуда, дар ҳолати корӣ нигоҳ дошта шаванд, сари вақт вобаста ба реҷаии истифодабарӣ ба кор дароянд ё доимо дар ҳолати корӣ бошанд;
- сари вақт вобаста ба реҷаи истифодабарӣ ба кор дароянд ё доимо дар ҳолати корӣ бошанд;
- пулти мудофиа ва сигнализатсияи сӯхтор бояд зери назорати доимӣ бошад.

11.1.9. Дар сурати иҷро накардани талаботи дар қисмати мазкур пешбинишуда аз тарафи Сугурташаванда, ҳодисаи ба амаломада, ки барои аз Суғуртакунанда талаб кардани пардохти ҷуброни суғуртавӣ асос шуда метавонад, ҳодисаи суғуртавӣ ҳисоб карда намешавад ва зарарҳои Суғурташаванда аз тарафи Суғуртакунанда пардохт карда намешавад.

11.1.10. Пас аз он, ки ба Суғурташаванда доир ба фарорасии ягон воқеа, ки он асос барои пешниҳоди талабот ба Суғуртакунанда оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ аст, маълум гашт, Суғурташаванда ё Фоидагиранда уҳдадор аст:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.1.10.1. Фавран дар давоми се рӯз (72 соат) дар бораи ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ бо қайди тамоми ҳолатҳои сар задани ҳодисаи суғуртавӣ бо ҳама гуна воситаи дастрас ба Суғуртакунанда хабар расонад. Тамоми хабарҳо дар бораи ҳодисаҳое, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ доранд дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ бо имзои Суғурташаванда ё намояндаи ваколатдори ӯ, ки муфассал дар бораи тамоми ҳолатҳои сар задани чунин ҳодиса огоҳӣ дорад. Муқаррароти банди мазкур боиси аз ҷониби суғуртакунанда рад намудани пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ шуда наметавонад.

11.1.10.2. Уҳдадории мазкур аз тарафи Суғурташаванда ба таври бояду шояд иҷрошуда ҳисоб мегардад, агар дарҷараёнгузорӣ мутобиқи иттилооти контактӣ, ки дар шартномаи суғурта оварда шудааст, сурат гирад.

11.1.10.3. Дар ҳамон мухлат баробари Суғуртакунанда дар бораи воқеаи баамаломада дар натиҷаи:

– амалҳои ғайриқонунии шахсони сеюм (бадқасдона несту нобуд, ё вайрон кардани молу мулки суғурташуда ва монанди инҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ваколатдор;

– сӯхтор – ба сохторҳои Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таркиш ва садама дар системаи бо об таъминкунӣ, гармидиҳӣ, канализатсия ё оташхӯмушкунаки автоматӣ ба мақомоти дахлдори давлатии хадамоти садамавӣ;

– зер кардани воситаи нақлиёт ба сохторҳои Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар дода шавад.

11.1.10.4. Чораҳои оқилона ва дастрасро дар ҳолати бавуқӯъомада оид ба бартараф намудан ё кам кардани зарар ва наҷотдиҳии молу мулки суғурташуда, андешанд;

11.1.10.5. Объекти зарардидаро дар ҳолати бетағйир нигоҳ дошта, барои дида баромадани намояндаи Суғуртакунанада пешниҳод намояд;

11.1.10.6. Бо гузаштани 7 (ҳафт) рӯз пас аз хабарномаи хаттӣ оид ба ҳодисаи рухдода Суғуртакунанда ҳуқуқи тағйир додани ҳолати мавҷударо дорад, агар ин аз нуқтаи назари бехатарӣ, кам кардани ҳаҷми зарар ё ба ин ризоияти Суғурташавандаро гирифта бошад.

11.1.10.7. Ба Суғуртакунанда имконияти дида баромадан ё муоина намудани молу мулки зарардидаи суғурташуда, тафтиши сабаб ва муайян кардани ҳаҷми зарар муҳайё намояд;

11.1.10.8. Намояндаи Сугуртакунанда хабарномаи Суғурташавандаро оид ба ҳодисаи суғуртавӣ интизор нашуда, ҳуқуқи дида баромадани молу мулки зарардидаро дорад, Суғурташаванда ҳуқуқи монеагузориро надорад.

11.1.10.9. Ба Суғуртакунанда аризаи хаттӣ дар шакли муқарраргардида оид ба ҷуброни суғуртавӣ бо нишон додани ҳолатҳои ба вуқуъ омадани зарар ва ҳаҷми тахминии он, ки дар лаҳзаи аризанивисӣ ба Суғурташаванда маълум буд, пешниҳод намояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.1.10.10. Мутобиқи дархости хаттии Суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи манфиатҳои молу мулкӣ, сабаби фаророасии зарар, ва ҳуҷҷатҳои дигарро, ки пешниҳод намудани он хислати воқеаи руҳдодароро муайян мекунад ва дар асоси талаботи қонунгузорӣ пешниҳод намояд;

11.1.10.11. Тибқи мувофиқа бо Суғурташаванда Суғуртакунанда маълумотнома ва ҳуҷҷатҳоро аз мақомоти ваколатдор мустақилона ҷамъ карда метавонад, барои ин Суғурташаванда ба Суғуртакунанда бовариномаи ба тариқи нотириали тасдиқгардидаро барои амалӣ намудани амалҳои зикршуда бояд диҳад.

11.1.10.12. Пас аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ Суғурташаванда уҳдадор аст, ки ба Суғуртакунанда ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва исботҳоро интиқол диҳад ва ба ҳамаи маълумотҳои заруриро барои аз тарафи Суғуртакунанда, ки ҳуқуқи талаб кардан аз шахси ҷавобгар барои зарари расонидашуда, ки дар натиҷаи суғурта пардохт карда шудааст, гузаштааст, диҳад.

11.1.10.13. Далели додани ариза оид ба ҷуброни суғуртавӣ ва иҷрои уҳдадориҳои дигари Суғурташаванда, ки дар Қоидаи мазкур нишон дода шудааст, бо забонхати шахси ваколатдори Суғуртакунанда оид ба гирифтани интиқоли почтавӣ, ки бо мактуби арзишнок бо номгӯйи варақҳои гузошташуда, тасдиқ мегардад.

11.1.11. Дигар уҳдадориҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

11.2. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:

11.2.1. Бо Қоидаи суғурта шинос шуда, нусхаи онро гирад.

11.2.2. Пардохти ҷуброни суғуртавиро тибқи тартиби муқарраршуда гирад.

11.2.3. Дар ҳолати гум кардани Шартнома/Полиси суғуртавӣ, нусхаи Шартнома/Полиси суғуртавиро гирад.

11.2.4. Ба суд барои рад намудан аз амалигардонии ҷуброни суғуртавӣ, шикоят намояд.

11.2.5. Аз дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шартномаи суғурта ва Қоидаи суғурта бархӯрдор мебошад.

11.2.6. Аз дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бархӯрдор аст.

11.3. Суғуртакунанда уҳдадор аст:

11.3.1. Бо гузаронидани тафтишоти сабаб ва ҳолатҳои несту нобуд ё (гум кардан) ё вайрон кардани молу мулки суғурташуда дар давраи на дертар аз 5 рӯзи корӣ пас аз гирифтани ариза аз Суғурташаванда оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ ва иҷрои уҳдадориҳои дигар аз тарафе, ки дар Қоидаи мазкур нишон дода шудааст, ҳаҷми зарарро муайян кунад ва дар сурати эътироф кардани далели фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ санади суғуртавӣ тартиб диҳад ва ҷуброни суғуртавиро пардохт намояд.

11.3.2. Суғурташавандаро бо Қоидаи суғурта шинос карда, нусхаи онро диҳад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.3.3. Полиси суғуртавиро дар шакли муайяншуда бо замимаҳои иқтибосҳо аз Қоида, ки дар асоси онҳо Шартномаи суғурта баста шудааст диҳад.

11.3.4. Ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ пардохти ҷуброни суғуртавиро (ё ин ки аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ даст кашидан) дар ҳаҷм ва бо тарибе, ки Шартномаи суғурта дар муддати пешбинишудаи Шартномаи суғурта баъди гирифтани ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, амалӣ намояд.

11.3.5. Махфияти сирри суғуртавиро таъмин намояд.

11.3.6. Дар сурати гум кардани полиси суғуртавӣ аз тарафи Суғурташаванда – дубликати онро ба ҳамон ҳаҷм ва ба ҳамон муҳлат бо аризаи хаттии Суғурташаванда ба расмият дарорад.

11.3.7. Хароҷотҳои амалинамудаи Суғурташавандаро, ки барои пешгирӣ ё кам кардани зарари ҳодисаи суғуртавӣ сарф гардидаанд, ҷуброн намояд.

11.3.8. Дигар ухдадориҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

11.4. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

11.4.1. Дар сурати будани асосҳои кофии эътирофи фаворасии ҳолати суғуртавӣ пардохти ҷуброни суғуртавиро ба таври пешпардохт амалӣ намояд.

11.4.2. Мустақилона сабабҳо ва ҳолатҳои ҳодисаи суғуртавиро муайян намояд.

11.4.3. Аз Суғурташаванда маълумоти барои муқаррар намудани далели ҳодисаи суғуртавӣ ва муайян намудани ҳаҷми зарар, аз он ҷумла маълумотҳои хусусияти сирри тиҷоратӣ доштаро талаб намояд.

11.4.4. Пардохти ҷуброни суғуртавиро ба таъхир андозад, дар ҳолате, ки агар:

а) Экспертизаи мустақими сабаб ва ҳолатҳои фаворасии ҳолати суғуртавӣ ва ҳаҷми зарар гузаронида шуда бошад. Дар ин ҳолат муҳлати пардохт ба муҳлати вақти дар давоми он экспертиза гузаронидашуда, зиёд мегардад;

б) Асос барои шакку шубҳа ва кафолатнокии Суғурташавандаро ба гирифтани пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба миён оят, дар ин ҳолат ҷуброни суғуртавӣ то он даме, ки далелҳои исботкунак пешниҳод нагардад, пардохт карда намешавад;

в) Агар аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи далели ҳодисаи суғуртавӣ нисбати кормандони роҳбарикунандаи Суғурташаванда (нисбати худи Суғурташаванда) ё хешу таборӣ, агар онҳо шахсони воқеӣ бошанд) оғоз шуда бошад, то ба охир расидани парвандаи ҷиноӣ.

11.4.5. Вобаста ба ҳодисаи суғуртавӣ аз мақомоти дахлдор ва корхонаю муассисаҳои дигар, ки оид ба ҳодисаи суғуртавӣ иттилоот доранд, маълумоти заруриро гирад, инчунин сабабу ҳолатҳои ҳодисаи суғуртавиро мустақилона муайян намояд.

11.4.6. Дар ҳолати аз тарафи Суғурташаванда иҷро накардани ухдадориҳои муқарраршудаи Шартномаи суғурта, Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалӣ намудани пардохти ҷуброни суғуртавӣ рад намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТА
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.4.7. Аз дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шартномаи суғурта ва Қоидаи суғурта бархӯрдор мебошад.

## 12. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

12.1. Ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) вобаста ба он, ки кадоме аз ин маблағ камтар аст, зиёд шуда наметавонад:

– маблағҳои суғуртавии дар шартномаи суғурта аз рӯи воҳидҳои мутобиқ ё гурӯҳҳои молу мулк нишондодашуда;

– меъёр (субмеъёри) пардохти дар Қоида пешбинишуда ё дар шартномаи суғурта муқарраргардида;

– бузургии зарар, ки дар натиҷаи фаро расидани ҳолати суғуртавӣ Суғурташаванда дидааст.

12.2. Дар сурати қисман вайроншавии молу мулки суғурташуда барои пардохт он хароҷотҳое, ки барои барқароркунии он то ба ҳолате, ки молу мулк то фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ дошт (корҳои барқароркунӣ) сарф шуда буд, пардохт карда мешавад.

12.3. Дар доираи Қоидаҳо зери ибораи хароҷотҳои барқароркунӣ фаҳмида мешавад:

– хароҷот барои харидории қисмҳои эҳтиётӣ ва маснуоти зарурӣ барои иҷрои корҳо;

– хароҷот барои оварда расонидани қисмҳои эҳтиётӣ ва маснуот ба ҷойи таъмиркунӣ;

– хароҷот барои додани музди кор ҷиҳати таъмиркунӣ;

– хароҷотҳои дигар, ки бо шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст.

12.4. Аз маблағи хароҷотҳои барқароркунӣ маблағи барои фарсудашавии дар раванди таъмири қисмҳои, ҷузъҳо, агрегатҳо, қисмҳои майдаи мошин ивазкардашуда, нигоҳ дошта мешавад. Ҳаҷми фарсудашавӣ чун фарқият байни арзиши аслии ин қисмҳо дар рӯзи фаророрасии ҳодисаи суғуртавӣ ва нархи нави (харидории) ин қисмҳо, ба ҳисоб гирифта мешавад.

12.5. Ҳангоми ҳисобу китоби маблағи хароҷотҳо барои барқароркунӣ ё таъмири молу мулки вайроншуда (хароҷотҳои барқароркунӣ) қоидаҳои зерин қабул карда мешаванд:

– барои барқароркунии (таъмир) молу мулки зарадида бояд маснуот ва қисмҳои эҳтиётии ба қисмҳои истифодабурдашаванда аз рӯи намуд ва сифат шабеҳ ва бо қимат баробар истифода бурда шавад;

– хароҷот барои масолеҳи барои таъмири бино ё иншоот истифодабурда ҷуброн карда мешавад;

– хароҷот барои пардохти музди кори оид ба таъмир аз рӯи нархҳои миёна барои корҳои шабеҳи дар ҷойи гузаронидани таъмир дар лаҳзаи ҳодисаи суғуртавӣ амалкунанда, дар сурати иҷрои таъмир бо қувваи Суғурташаванда аз нархномаи корҳои шабеҳи дар ҷойи гузаронидани таъмир дар лаҳзаи ҳодисаи суғуртавӣ амалкунанда, ҷуброн карда мешавад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– ба ҳисобукитоб хароҷотҳо барои иҷрои танҳо он корҳое, ки барои бартараф намудани ҳолати суғуртавӣ заруранд, дохил карда мешавад;

– хароҷот барои таъмири пешакии молу мулки вайроншуда танҳо дар сурате ҷуброн мегардад, ки агар таъмири пешакӣ қисми таъмири ниҳоӣ бошад ва хароҷотҳои умумӣ барои таъмир боло наравад, агар таъмири пешакӣ гузаронида намешуд;

– агар барои таъмири унсурҳои конструктивии бино ё иншоот гузаронидани ҷудокунӣ ва васлкунии минбаъда зарур бошад, (масалан, болопӯши бом ва амсоли он) хароҷот барои гузаронидани ин корҳо ба маблағи умумии хароҷотҳо барои таъмир дохил карда мешавад;

– агар барои нигоҳдории унсурҳои алоҳидаи конструктивии бино ё иншоот зарурати муваққатан мустаҳкамкунии онҳо бо миён ояд (дастгоҳ, такяҳо, тарангкунӣ (стяжка) ва амсоли онҳо), хароҷот барои гузаронидани ин гуна корҳо ва қимати масолеҳ барои истеҳсоли он ба маблағи умумии хароҷот барои таъмир дохил карда мешавад.

– хароҷотҳои иловагии бо пардохти музди меҳнати корҳои зиёда аз муҳлат, расонидан ба маснуот, қисмҳои эҳтиётӣ ё мошинҳо ба  таври экспресс, ҳамлу нақл бо нақлиёти ҳавоӣ пардохт карда намешавад, агар чизи дигаре дар шартнома пешбинӣ нашуда бошад.;

– агар ивазкунии қисмҳо ва предметҳои вайроншуда амалӣ шуда истода бошад, ба он нигоҳ накарда, ки таъмири он бе таҳдид ба бехатарии истифодабарии молу мулки суғурташуда аст, Суғуртакунанда ба Суғурташаванда арзиши таъмири ин қисмҳо ё предметҳоро ҷуброн менамояд, лек на зиёда аз арзиши қисмҳои ивазшуда.

12.6. Дар ҳолати пурра несту нобуд гаштани молу мулки суғурташуда ҷуброни суғуртавӣ дар ҳаҷми арзиши аслии молу мулк бо дарназардошти фарсудашавӣ, ки дар лаҳзаи фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ ҳисобукитоб тарҳи арзиши боқимонда, ки онҳоро метавонанд фурӯшанд ё аз рӯи таъиноти вазифавӣ истифода баранд (боқимондаҳои коршоям). Суғурташаванда аз чунин боқимондаҳо ҳуқуқи даст кашиданро надорад.

12.7. Зери мафҳуми пурра несту нобуд шудан дар Қоидаҳо гум, вайрон шудан ё пурра несту нобуд гаштани молу мулки суғурташударо  дар набудани имконияти техникӣ барои барақарароркунӣ ё он ҳолате, ки хароҷотҳои зарурии барқароркунӣ аз арзиши аслии он дар лаҳзаи фаро расии ҳодисаи суғуртавӣ зиёд аст, фаҳмида мешавад.

12.8. Арзиши молу мулки халоскардашуда (боқимондаҳои коршоям) дар асоси нархи фурӯши ин гуна боқимондаҳо дар маҳалли мазкур муайян карда мешавад. Тибқи ризоияти тарафҳо Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки ба Суғурташаванда дар фурӯши боқимондаҳои коршоям кӯмак расонад.

12.9. Сатҳи фарсудашавӣ дар асоси баҳодиҳии экспертӣ ҳисоб карда мешавад. Агар маблағи суғуртавӣ мутобиқи арзиши боқимондаи балансӣ муқаррар карда

шуда бошад, он гоҳ сатҳи фарсудашавии воҳиди молу мулк мутаносиб ба сатҳи ҷамъкардашудаи истеҳлок аз рӯи маълумотҳои муҳосибот қабул карда мешавад.

12.10. Агар маблағи суғуртавӣ бо асъори хориҷӣ муқаррар карда шуда бошад, ҳаҷми пардохти ҷуброни суғуртавӣ бо сомонӣ вобаста ба қурби расмии асъори мазкур нисбат ба сомонӣ, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар санаи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ муқаррар намудааст, ҳисобу китоб карда мешавад.

12.11. Ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ мутаносибан ба мукофоти боқимондаи пардохтанашудаи Суғурташаванда амалӣ карда мешавад.

12.12. Агар маблағи суғуртавӣ дар лаҳзаи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ аз арзиши аслии молу мулки суғурташуда паст бошад, Суғуртакунанда зарарро мутаносибан ба маблағи суғуртавӣ ба арзиши аслӣ ҷуброн мекунад. Мутобиқати маблағҳои суғуртавӣ ба арзиши аслии молу мулк ба таври алоҳида ба ҳар як объекти суғурта муқаррар карда мешавад.

12.13. Дар сурати ҷуброн «Бо хавфи аввала» пардохти ҷуброни суғуртавӣ тибқи Қоидаи мазкур амалӣ карда мешавад.

12.14. Суғуртакунанда бо мақсади содда гардонидани раванди ҷубронҳои суғуртавӣ дар ҳолати зарурӣ метавонад, ҷубронҳои суғуртавиро то 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар асоси санадҳои суғуртавии дохилӣ (бидуни ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мақомоти дахлдор) амалӣ намояд.

## 13. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

13.1. Агар дар ҳолати фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ нисбат ба молу мулки суғурташуда шартномаҳои дигар низ аз рӯи хавфҳои шабеҳ ба маблағе, ки аз арзиши суғуртавии он ба таври умум зиёд, (суғуртакунии дукарарта) амал мекарда бошанд, Суғуртакунанда ҷуброни суғуртавиро барои зарар дар ҳаҷми мутаносиб ба маблағи суғуртавии дар шартномаи аз тарафи Суғуртакунанда басташуда нисбат ба маблағи умумии суғуртавии молу мулки мазкур аз рӯи ҳама шартномаи бастаи Суғурташаванда пардохт менамояд.

13.2. Суғурташаванда уҳдадор аст, ки ба таври хаттӣ Суғуртакунандаро оид ба ҳамаи шартномаҳои суғурта нисбат ба молу мулки суғурташуда бо ташкилотҳои суғуртавии дигар дар ҷараён гузорад. Дар баробари ин Суғурташаванда бояд номи ташкилотҳои суғуртавиро, ки дар онҳо молу мулки худро суғурта кардааст, хавфҳои суғуртавӣ ва ҳаҷми маблағи суғуртавиро бояд нишон диҳад.

13.3. Агар суғуртакунии дукарата бо мақсади ғаразнок аз тарафи Суғурташаванда бошад, Суғуртакунанда ҳуқуқи бекор донистани эътирофи шатномаи суғурта ва ҷуброни зарари ба Суғуртакунанда расидаро талаб карданро дорад.

13.4. Суғурташаванда бояд ба таври таъҷилӣ дар бораи ёфт шудани молу мулки дар натиҷаи ҳодисаҳои суғуртавӣ гумшуда ба Суғуртакунанда хабар диҳад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

13.5. Дар сурати баргардонидани молу мулки аз нав ёфтшуда Суғурташаванда уҳдадор аст, ки ба Суғурткунанда қисми муносиби ҷуброни суғуртавии пардохташударо баргардонад.

13.6. Ҳарду Тараф ҳуқуқи ҷалб кардани ташкилоти мустақили экспертиро барои муайян намудани сабабҳои ба вуқӯъ омадани зарар ё баҳомонӣ ба ҳаҷми зарар, ки Суғурташаванда дидааст, доранд.

13.7. Тарафи шартномаи суғурта, ки ташкилоти мустақили экспертиро даъват кардааст, хароҷотҳои хизмарасонии онро пардохт менамояд.

13.8. Агар бо талаби Суғурткунанда Суғурташаванда барои гузаронидани экспертиза ташкилоти мустақили экспертиро ҷалб карда бошад, маблағи хароҷот барои пардохтани ҳаққи хизматрасонӣ ба ҷуброни маблағи суғуртавӣ ҳамроҳ карда мешавад.

## 14. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

14.1. 14.1. Зарарҳои бевосита ва ё бавоситаи бо сабабҳои зерин бамиёномада пардохт карда намешаванд:

14.1.1. Ба истифодабарӣ даровардан, худи истифодабарӣ, хизматрасонии техникӣ ё таъмири таҷҳизоти механикӣ, электротехникӣ ё электронӣ (масалан, нуқсон бо айби ҳайати кормандони хизматрасон, аз кор мондани таҷҳизоти ченкунӣ, идоракунӣ, тақсимкунӣ ё танзимкунанда, норасоии об, равған ва маводи молиданӣ).

14.1.2. Фарсудашавии оддӣ ё кӯҳнашавӣ.

14.1.3. Зангзанӣ.

14.1.4. Таъсири одии шароити боду ҳаво, ки бояд бо шароитҳои мавсимӣ ва маҳаллӣ ба назар гирифта шавад.

14.1.5. Тағйирёбии ранг, бӯй, вазн; шиштан, поён фаромадан, кандашавӣ, фушурдашавӣ ё васеъшавӣ.

14.1.6. Бо хусусиятҳои табии молу мулк.

14.1.7. Таҳвилдиҳӣ ва талафоти энергия.

14.1.8. Шикастан бо сабаби нодуруст истифода бурдан ё мувaққатан аз кор мондани кондесионерҳои ҳаво, системаҳои хунуккунӣ ва гармкунии молу мулк, инчунин системаи нигоҳдории микроиқлим.

14.1.9. Амалиёт бо генҳо, мутатсияи (тағйирёбии табиӣ ва ё сунъии хусусияти ирсии организм, ки дар натиҷаи дигаргуншавӣ ва ё вайроншавии хромасомаҳо ва генҳо ба вуҷуд меояд) генҳо ё тағйиротҳои дигари генӣ.

14.1.10. Хушкӣ ва хушкшавӣ.

14.1.11. Коркард ва аз нав кор карда баромадан.

14.1.12. Пасту баландшавии шиддат дар шабака.

14.1.13. Туршшуда ҷӯшидан ё вайроншавии экзотермӣ.

14.1.14. Зада баромадани гудохтаҳои тафсондашуда.

14.2. Хароҷотҳои иловагӣ, ки бо сабаби таъҷилии гузаронидани корҳо, такмил ва ё тағйир додани нақшаи (сохтор – конструксия) молу мулки суғурташуда, бо гузаронидани таъмири нақшавӣ ҷуброн карда намешаванд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

14.3. Зарари ба бинои (иншоот) дар раванди сохтмонбуда биноҳо ва молу мулки истифоданабаранда, ки дар ин бино ҷойгир аст, ҳодисаи суғуртавӣ ҳисоб намеёбад.

14.4. Ҳодисаҳои суғуртавӣ бевосита ё бавоситаи алоқаманд бо:

– ҷанг, бо ҷанг зада даромадан, амалиётҳои давлатҳои ғараздор (новобаста аз он, ки ҷанг эълон шудааст ё не) ҷанги шаҳрвандӣ, шӯриш, инқилоб, исён;

– кашида гирифтан, милликунонӣ, реквизитсия (маҷбуран ба ихтиёри давлат муваққатан мусодира карда шудани молу мулки хусусӣ ё барои истифодаи муваққатӣ гирифтани он), вайронкунӣ ё несту нобуд кардани молу мулк бо супориши мақомади ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти роҳбарии маҳаллӣ;

– корпартоӣ, локаут (аз тарафи кордиҳанда баста шудани корхонаҳо ва ба тарзи оммавӣ аз кор холӣ карда шудани коргарон, бо мақсади он, ки онҳо аз талаботашон даст кашанд), бетартибиҳои оммавӣ (моддаи 188 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), агар чизи дигаре дар шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад;

– рафтори бадқасдонаи Суғурташаванда ё фоидагиранда дар шахсияти роҳбари он (шахси кафолатнок), мақомоти дигари роҳбарии шахси ҳуқуқӣ (Идора, Дирексия), инчунин шахсоне, ки гарчанде аз номи худ бошанд ҳам, лек бо розигӣ ва ба манфиати Суғурташаванда амал кардаанд;

– суғурташаванда, фоидагиранда бадқасдона амалкарда ба ҳисоб мераванд, агар ӯ дидаву дониста хатарнокии амалҳои худро (беамалии) дарк намуда, имконияти фаро расидани ҳодисаҳои суғуртавиро пешбинӣ намуда, мехост ва ё бадқасдона ба фаро расидани ҳодисаҳои суғуртавӣ роҳ медод, ё нисбат ба ин бепарвоёна рафтор мекард;

– ҳамагуна ифлосшавӣ ё заҳролудшавӣ бо мавод ва моддаҳои ядроӣ, химиявӣ, биологӣ;

– таъсири энергияи ядроӣ, радиатсия ё заҳродлушавии радиоактивӣ;

– бо хатогӣ дар таҳрезӣ, сохтмон, васлкунӣ, бе сифат иҷро намудани кор ё бо нуқсонҳои (камбудиҳои) маснуот;

– амалҳои мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроияи ё мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ки бавосита ё бевосита ба вайроншавӣ, несту нобудшав, гум шудани (аз ҷумла дар натиҷаи дуздӣ) молу мулки суғурташуда, ҳодисаи суғуртавӣ ҳисоб карда намешавад.

14.5. Тибқи муқарраароти қисми 3, моддаи 1075 – и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суғуртакунанда аз ҷуброни зиёне, ки дар натиҷаи аз ҷониби Суғурташаванда дидаю дониста ҷиҳати кам кардани зиёни имконпазир наандешидани тадбирҳо расонда шудааст, озод карда мешавад.

14.6. Суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни зарар ба пуррагӣ ва ё дар қисми мутобиқаткунанда озод карда мешавад ва ҳуқуқ дорад баргардонидани маблағи барзиёд пардохтшудаи ҷубронро талаб намояд, агар Суғурташаванда (Фоидагиранда) аз ҳуқуқи худ оиди талаб нисбати шахсе ки барои зарарҳои аз

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ҷониби Суғуртакунанда ҷуброншаванда даст кашида бошад ва ё амалӣ шудани ин ҳуқуқ бо гуноҳи Суғурташаванда, Фоидагиранда ғайриимкон гашта бошад.

14.7. Мутобиқи қисми 11, моддаи 20 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» агар Суғурташаванда ё шахсе, ки ба манфиати ӯ пардохти ҷуброни суғуртавӣ анҷом дода мешавад, ҷуброни пурраи зиёнро (зарарро) аз шахси гунаҳкори зиёнрасонида (зараррасонида) гирифта бошад, дар ин сурат Суғуртакунанда аз додани ҷуброни суғуртавӣ озод мегардад. Ҳангоми аз тарафи шахси гунаҳкор қисман додани ҷуброни зиён (зарар), Суғуртакунанда пардохти ҷуброни суғуртавиро бо дарназардошти маблағе, ки шахси мазкур аз шахси гунаҳкор гирифтаст, анҷом медиҳад.

14.8. Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳуқуқ доранд, дар Шартномаи суғурта ҳар кадом иловаҳои дигар, истисноҳо ва аниқнамоии муқаррароти Қоида, ки аз ҷониби қонунгузории амалкунанда манъ карда нашудаанд, бо мустаҳкам намудани он дар матни Шартномаи суғурта, мувофиқа намоянд.

14.9. Тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дигар асосҳои рад намудан аз ҷуброни суғуртавӣ пешбинӣ гардад.

## 15. ТАҒЙИРОТИ ДАРАҶАИ ХАВФ

15.1. Дар давраи амалкунии шартномаи суғурта Суғурташаванда ухдадор аст бетаъхир аз тағйиротҳои дар ҳолатҳои муҳим ба ӯ маълумшуда, ки ба ӯ ҳангоми бастани шартномаи суғурта хабар дода буданд ва он метавонад ба болоравии хавфи суғуртавӣ таъсири муҳим расонад, Суғуртакунандаро дар ҷарён гузорад:

– тағйирёбии фаъолияти асосии хоҷагидорӣ, ки дар территорияи суғурташаванда амалӣ карда мешавад;

– гузаштани ҳуқуқ қисман ё пурра ба моликияти хусусӣ ба молу мулки суғурташуда, интиқоли молу мулки суғурташуда ба иҷора ё лизинг;

– гузаронидани сохтмонӣ ё васлкунӣ (вайрон кардан, таҷдид, тармими умумӣ, азнавсозӣ ё аз нав таҷҳизонидани бино ё иншоот, аз ҷумла иваз кардани коммуникатсияҳои муҳандисӣ) дар территорияи суғуртакунӣ, ё бино, иншоотҳо, ки дар он молу мулки суғурташуда ҷойгир аст;

– тағйир додани намуди дар анбор ҷойгиркунии мол;

– тағйир додани шароитҳои нигоҳдорӣ ё муҳофизат, инчунин чораҳои дигари бехатарӣ ва ҳифз нисбат ба молу мулки суғурташуда;

– тағйирдиҳии ҳолати ҳуқуқии объекти суғурта (ба амал омадани баҳсҳои молиявӣ, мавҷуд будани аризаи шикоятии судӣ, мавҷуд будани ҳалномаи судӣ нисбат ба объекти суғурташаванда ва амсоли он);

– гирифтани нишондодҳои мақомоти давлатии хадамоти зиддисӯхторӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждан̣ӣ, назорати давлатии техникӣ;

– таҷҳизот дар бинои суғурташуда ё бинои ҳаммом, сауна, васлкунии печ ё камин.

15.2. Ҳангоми суғуртакунӣ аз дуздӣ бо шикаста даромадан, ғорат, тороҷ мутобиқи банди 5.3. – и Қоидаҳо зиёдшавии дараҷаи хавф хусусан дар ҳолате ба

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

амал меояд, ки пас аз гум кардани калиди манзилҳо ё анборҳо дар территорияи суғурта ё ҷойҳои нигоҳдорӣ бо тавсифоти иловагии бехатарӣ, қулф таъҷилан ба қулфи нави шабеҳи боэътимод иваз нашудааст.

## 16. ГУЗАРИШИ ҲУҚУҚИ СУҒУРТАШАВАНДА БА СУҒУРТАКУНАНДА ОИД БА ҶУБРОНИ ЗАРАР

16.1. Ба Суғуртакунанда, ки ҷуброни суғуртавиро пардохт кардааст, дар доираи маблағи пардохткардаи ӯ ҳуқуқи пешниҳоди даъвоҳое, ки Суғурташаванда ё Фоидагиранда иисбати шахси барои зиёни дар натиҷаи суғуртакунӣ ҷубронгардида масъул дорад, мегузарад.

16.2. Ҳуқуқи ба Суғуртакунанда гузаштаи даъво аз ҷониби ӯ бо риоя намудани қоидаҳое, ки муносибатҳои байни Суғурташаванда ё Фоидагиранда ва шахси барои зарар масъулбуда танзим менамоянд, амалӣ карда мешавад.

16.3. Суғурташаванда (Фоидагиранда) вазифадор аст ба Суғуртакунанда тамоми ҳуҷҷатҳо ва далелҳоро супорад, тамоми чораҳоро андешад, тамоми маълумотро, ки барои ба амалбарории ҳуқуқи пешииҳоди даъво нисбати шахсони гунаҳгор заруранд хабар расонад.

16.4. Дар сурате агар Суғурташаванда (Фоидагиранда) аз супурдани ҳуқуқи худ иисбати шахсе, ки барои зиёни расонидашуда, ки аз ҷониби Суғуртакунанда ҷуброн карда мешавад, масъул мебошад ё ин ки ба амал баровардани ҳуқуқи мазкур бо айби Суғурташаванда (Фоидагиранда) имконнопазир гардидааст, рад намояд, он гоҳ Суғуртакунанда аз ҷуброни суғуртавӣ пурра ё қисман озод карда мешавад.

## 17. СУҒУРТАИ ДУКАРАТА

17.1. Суғурташаванда (Фоидагиранда) уҳдадор аст тариқи хаттӣ дар бораи тамоми шартномаҳои суғурта, ки нисбати объекти суғурташуда аз рӯйи айнан ҳамин хавфҳо бо дигар ташкилотҳои суғуртавӣ бастааст, хабар расонад. Ҳамзамон Суғурташаванда (Фоидагиранда) вазифадор аст номгӯи дигар ташкилотҳои суғуртавӣ, объектҳои суғурта ва ҳаҷми маблағҳои суғуртавиро дарҷ намояд.

17.2. Агар дар лаҳзаи фарорасии ҳодисаи суғуртавй нисбати объекти суғурташуда дигар шартномаҳои суғурта аз рӯйи хавфҳои ҳаммонанд амал намоянд, он гоҳ Суғуртакунанда ҷуброни зарарро дар ҳаҷми мутаносиб ба нисбати маблағи суғуртавӣ аз рӯйи шартномае, ки Суғуртакунанда бастааст, ба маблағи умумӣ аз рӯйи ҳамаи шартномаҳои суғуртаи объекти мазкур, ки Суғурташаванда бастааст, пардохт менамояд.

17.3. Агар бастани якчанд Шартномаҳои суғурта нисбати объекти суғуртакардаи Суғуртакунанда аз рӯйи хавфҳои ҳаммонанд ба маблағе, ки арзиши суғуртавии он (тибқи шартномаи суғурта) барзиёд мебошад, натиҷаи амали барқасдонаи Суғурташаванда бошад, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад беэътибор донистани шартнома ва баргардонидани ҷуброни зарари бо ин амал ба ӯ

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

расонидашударо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд.

## 18. МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

18.1. Суғурташаванда, ки бо Суғуртакунанда шартномаи суғуртаро аз рӯйи шартҳои Қоида ба имзо расонидааст, розигии худро барои коркарди маълумотҳои шахсии дар поён номбаршуда барои амалӣ намудани суғурта аз рӯйи шартномаи суғурта, аз он ҷумла бо мақсади тафтиши сифати пешниҳоди хизматрасонии суғуртавӣ ва танзими даъвоҳо аз рӯйи шартномаи суғурта, назорати шартномаи суғурта, инчунин бо мақсади хабардоркунии Суғурташаванда оиди дигар маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои Суғуртакунанда медиҳад.

18.2. Маълумотҳои шахсӣ аз инҳо иборат аст: насаб, ном, номи падар, сол, моҳ, сана ва макони таваллуд, маълумоти шиноснома, суроғаи зист, дигар маълумотҳо, ки дар шартномаи суғуртаи бо Суғурташаванда баимзорасида, ки ба маълумотҳои шахсӣ мансуб буда метавонанд.

18.3. Суғурташаванда ба Суғуртакунанда ҳуқуқи амалӣ намудани тамоми амалҳо (амалиётҳо) бо маълумотҳои шахсӣ, аз он ҷумла ҷамъ намудан, банизомдарорӣ, ҳифз намудан, аниқнамоӣ (аз нав намудан, тағйир додан), истифода бурдан, ғайришахсӣ намудан, маҳкам кардан, нобуд намуданро медиҳад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад махълумоти шахсиро ба воситаи ворид намудани онҳо ба маҳзанҳои электронии маълумотҳои худ коркард намояд.

18.4. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад баҳри иҷроипш уҳдадориҳои худ аз рӯйи шартномаи суғурта маълумотҳои шахсии Суғурташавандаро ба шахсони сеюм тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи ҶТ интиқол диҳад.

18.5. Бо тасдиқ намудани гирифтани Қоида ва розӣ шудани Суғурташаванда барои коркарди маълумотҳои шахсӣ аз ҷониби Суғуртакунанда ӯ розигии худро барои коркарди маълумотҳои шахсии Суғурташаванда аз лаҳзаи ба имзо расидани шартномаи суғурта медиҳад. Розигии Суғурташаванда барои коркарди маъумотҳои шахсии ӯ аз ҷониби Суғурташаванда дар доираи мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

18.6. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад розигии худро ба воситаи тартиб додани ҳуҷҷати хаттии дахлдор бозхост намояд, ки он бояд ба унвони Суғуртакунанда бо ирсоли мактуби фармоишӣ бо огоҳиномаи дастрас намудан ва ё шахсан бо гирифтани забонхати намояндаи ваколатори Суғуртакунанда супорида шавад. Ҳангоми аз Суғурташаванда расидани аризаи хаттӣ оиди бозхост намудани маълумотҳои шахсӣ Суғуртакунанда аризаи ишорашударо ҳамчун огоҳинома оиди бозхост намудани иҷозати коркарди маълумоти шахсӣ дида мебароояд ва иҷозат аз санаи расидани аризаи ишорашудаи Суғурташаванда бозхостшуда ба ҳисоб меравад. Баъди ба итмом расидани мӯҳлати шартномаи суғурта (аз он ҷумла ҳангоми бекор намудани он) Суғуртакунанда уҳдадор мешавад коркарди маълумоти шахсиро қатъ намояд ва маълумоти шахсии Суғурташавандаро бо расидани мӯҳлати мурури даъво нобуд созад.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

18.7. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад ба Суғуртакунанда барои истифодаи маълумотҳои дар боло зикрёфта ҳуқуқи истифода надиҳад. Дар ин ҳолат аз ҷониби Суғурташаванда дар шартҳои махсус қайди «Ҳуқуқи истифодаи маълумотҳои шахсӣ дар доираи шартномаи мазкур пешниҳод нагардидааст» мегузорад ва ё дигар муқарраротро, ки тибқи он Суғурташаванда пешниҳоди ҳуқуқи ишорашударо рад менамояд, истифода мебарад.

18.8. Суғурташаванда инчунин ҳуқуқ дорад дар ҳар. вақт розигиро оиди коркарди маълумотҳои шахсӣ маҳдуд ва ё бозхост намояд.

18.9. Ҳангоми норозигии Суғурташаванда барои пешниҳоди маълумотҳои шахсии дар боло зикргардида, Суғуртакунанда ҳангоми ба миён омадани зарурати коркарди маълумоти шахсӣ аз Суғурташаванда розигии ӯро дархост менамояд.

18.10. Суғуртакунанда инчунин тасдиқ менамояд, ки набудани розиги Суғурташаванда барои коркарди маълумоти шахсӣ аз ҷониби Суғуртакунанда бо ҳеҷ ваҷҳ ба ҳуқуқи Суғурташаванда ва ё ӯҳдадории Суғуртакунанда аз рӯйи шартномаи суғуртаи баимзорасида таъсир намерасонад.

Шартҳои дар Қисми мазкури Қоида ишорагардида инчунин ба шахси Суғурташуда ва Фоидагиранда дар ҳодати розигӣ додан/надодани онҳо барои ҳуқуқи истифодаи маълумоти шахсйи онҳо аз ҷониби Суғуртакунанда дахл доранд.

## 19. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

19.1. Баҳсҳое, ки аз шартномаи суғурта ба миён меоянд, бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд.

19.2. Дар сурати ба мувофиқа наомадани тарафҳо баҳс бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба суд пешниҳод карда мешавад.

19.3. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои тарафҳо аз рӯйи шартномаи суғурта, ки дар асоси Қоида баста шудааст, бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №1
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии
молу мулки ба гарав гузошташуда

«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори генералии
ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
_______________Раҳмонов Б.Р.
аз «08» ноябри соли 2025, №168/25

УСЛУБИ БАҲИСОБГИРИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФҲОИ СУҒУРТАВӢ

ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии молу мулки ба гарав гузошташуда

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

# 1. УСЛУБИ БАҲИСОБГИРӢ

Баҳисобгирӣ (асосноккунии иқтисодии) тарифҳои суғуртавӣ дар асоси муқаррароти Талабот нисбат ба услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ (минбаъд – Талабот), ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №74 аз «21» июни соли 2022 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

Услуб барои ҳисоб кардани меъёрҳои тарифи суғуртавӣ барои намудҳои хавфноки суғурта мувофиқ буда, дар ҳолатҳои зерин татбиқ карда мешавад:

Омор ё маълумоти дигар оид ба намуди суғурта мавҷуд аст, ки имконият медиҳад қиматҳои зеринро ҳисоб кунем:

- q – эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта;

$$q = \frac{M}{N} \quad (1.1.1)$$

- S – маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта.

$$S = \frac{\sum_{i=1}^{N} S_i}{N} \quad (1.1.2)$$

- Sb – пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта ҳангоми фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ.

$$S_b = \frac{\sum_{k=1}^{M} S_{bk}}{M} \quad (1.1.3)$$

Дар ин ҷо: N – миқдори умумии шартномаҳои суғуртаи басшуда барои баъзе давраҳои гузашта;

M – миқдори ҳодисаҳои суғуртавӣ дар N шартномаҳо;

$S_i$ – маблағи суғуртавӣ дар вақти бастани i шартнома

i = 1, 2, ..., N.

$S_{bk}$ – пардохти суғуртавӣ дар k ҳодисаи суғуртавӣ;

k = 1, 2, ..., M.

тахмин карда мешавад, ки ягон ҳодиса харобиовар намешавад, агар як ҳодиса боиси якчанд ҳодисаҳои суғуртавӣ шавад.

Баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ дар асоси шумораи пешакӣ муайяншудаи шартномаҳо (n) ҳисоб карда мешаванд, ки бояд бо Суғурташавандагон баста шаванд.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ аз рӯи ҳаҷми тахминии амалиёти суғуртавӣ (маблағи миёнаи суғуртавӣ дар як шартнома, пардохти миёнаи суғуртавӣ, шумораи тахминии шартномаҳо ва эҳтимолияти рӯй додани ҳодисаи суғуртавӣ) ҳисоб карда шуданд.

**Меъёри холис $T_x$** аз ду қисм – қисми асосӣ Тх.ас. $T_a$ ва таваккалӣ сарборӣ Тх.тав. $T_c$.

$$T_x = T_a + T_c \quad (1.1.4)$$

- **Қисми асосӣ меъёри холис (Тх.ас.)** $T_a$ – ба пардохтҳои миёнаи суғуртавии Суғуртакунанда, ки аз эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавии q, маблағи миёнаи суғуртавии S ва



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

пардохти миёнаи суғуртавии Sv вобаста аст, мувофиқат мекунад. Қисми асосии меъёри холис аз маблағи суғуртавӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_{\text{a}} = 100 * \frac{S_b}{S} * q \qquad (1.1.5)$$

- **Сарбории эҳтимолӣ Тн.тав. $T_c$** – бо мақсади ба назар гирифтани зиёд будани эҳтимолии шумораи ҳодисаҳои суғуртавӣ нисбат ба арзиши миёнаи онҳо ҷорӣ карда мешавад. Ғайр аз q, S ва $S_b$, сарбории эҳтимолӣ инчунин аз параметрҳои зерин вобаста аст: n – шумораи шартномаҳои марбут ба давраи суғурта, ки барои онҳо суғурта анҷом дода мешавад, паҳншавии миёнаи пардохти суғуртавӣ $R_b$ ва кафолати γ – эҳтимолияти зарурӣ, ки мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кифоя бошанд.

  Агар ташкилоти суғуртавӣ маълумот дар бораи арзиши $R_b$ надошта бошад, метавонанд, ки сарбории эҳтимолиро бо формулаи зерин ҳисоб кунанд:

$$T_{\text{c}} = 1{,}2 * T_{\text{a}} * \alpha(\gamma)\sqrt{\frac{1-q}{\text{x} * q}} \qquad (1.1.6)$$

Дар ин ҷо: q – эҳтимолияти ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ;

n – шумораи пешбинишудаи шартномаҳои суғурта.

- **Меъёри умумӣ $T_\Delta$** – бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_\Delta = \frac{T\text{x} * 100}{100 - f} \qquad (1.1.7)$$

Дар ин ҷо: $T_{\text{x}}$ – меъёри холис;

f (%) – ҳиссаи сарборӣ аз меъёри умумии тарифи суғуртавӣ.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ барои шартномаҳои суғурта ба муҳлати як сол ҳисоб карда мешаванд.

Сохтори меъёри тарифҳои суғуртавӣ:

- 25,7% – меъёри холис;
- 51,6% – хароҷотҳо барои пешбурди кор;
- 4,1% – андоз аз даромад;
- 18,6% – фоида.

Баҳисобгирии сарбории эҳтимолӣ. Ташкилоти суғуртавӣ, бо эҳтимолияти g = 0,95, интизор аст, ки пардохти суғуртавии имконпазир аз мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда зиёд набошад, пас аз Ҷадвали 1 a (g) = 1,645.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Ҷадвали 1

| g | 0,84 | 0,90 | 0,950 | 0,98 | 0,9986 |
|---|---|---|---|---|---|
| **a (g)** | 1,00 | 1,30 | 1,645 | 2,00 | 3,0000 |

- **g** – кафолати эҳтимолияти зарурӣ, ки бо он мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кофӣ бошанд;
- **a (g)** – коэффисиенте, ки ба кафолати бехатарии гамма вобаста аст. Қимати онро аз Ҷадвал гирифтан мумкин аст.

## 2. ҲИСОБКУНИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФИИ ЗАМИНАВӢ

Ҳисоб кардани меъёрҳои тарифии заминавӣ дар асоси Қоидаи суғуртаи ихтиёрии молу мулки ба гарав гузоштешуда, ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» (минбаъд «Қоида ё Қоидаи суғурта») амалӣ карда шудааст.

**Интихоби замина ба натиҷаҳои таҳлили ҳамаҷониба асос меёбад:**

- омори худӣ (ҳаҷми он нокифоя аст);
- омори бозор;
- баҳодиҳии коршиносии (экспертии) мутахассисони ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс».

Маълумоти ибтидоӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ ва барои муайян кардани эҳтимолияти рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ, пардохтҳои миёнаи суғуртавӣ ва маблағи миёнаи суғуртавӣ дар асоси маълумоте, ки дар давоми фаъолияти Суғуртакунанда ва дигар ташкилотҳои суғуртавӣ, аз ҷумла ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ фаъолият мекунанд, дар давоми панҷ соли охир ҷамъоварӣ шудаанд ва аз баҳодиҳии коршиносии Суғуртакунанда асос ёфтааст.

Нишондиҳандаҳои ба нақша гирифташудаи шумораи шартномаҳо (n) дар асоси шумораи пешбинишудаи (ба нақша гирифташудаи) шартномаҳои суғурта барои соли оянда муайян карда мешаванд.

Бо истифода аз натиҷаҳое, ки дар натиҷаи коркарди омор ба даст оварда шудаанд, инчунин пас аз баҳодиҳии мутавозуни ҳар як ҷузъи хавф дар хавфи умумии ҳодисаи суғуртавӣ нишондиҳандаҳои зарурӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ арзёбӣ карда шуданд.

Меъёрҳои тарифии заминавӣ бо тахминкунии тақсимоти якхелаи ҳодисаҳои суғуртавӣ ва тақсимоти муқаррарии ҳаҷми умумии пардохтҳои суғуртавӣ ҳисоб карда мешаванд.

Бо мақсади таъмини рақобатпазирии маҳсулоти суғуртавӣ ва мутобиқсозии он ба вазъи воқеии бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои тарифии ҳисобшуда тасҳеҳ карда шуданд. Дар оянда, бо ташаккули заминаи омории худии Суғуртакунанда ва зиёд шудани ҳаҷми портфели суғуртавӣ, тарифҳои мазкур мавриди бозбинӣ ва дақиқсозӣ қарор дода мешаванд.

Суғуртакунанда ҳангоми бастани шартномаи мушаххаси суғурта ҳуқуқ дорад ба меъёри ибтидоии тарифҳои суғуртавӣ вобаста ба омилҳои ба дараҷаи хавфи суғуртавӣ ва шартҳои суғурта таъсиркунанда коэффисиентҳои афзоянда ва камшавандаро татбиқ намояд:

| ОМИЛИ ХАВФ ВА ШАРТҲОИ СУҒУРТА | КОЭФФИСИЕНТҲОИ ТАСҲЕҲӢ | |
|---|---|---|
| | на кам | на зиёда |
| Меъёри тарифи суғуртавӣ барои шартномаи мушаххаси суғурта ҳамчун натиҷаи тарифи ибтидоии суғуртавӣ ва коэффисиентҳои тасҳеҳӣ ҳисоб карда мешавад. | 0,01 | 10 |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**Замимаи № 1 ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии молу мулки ба гарав гузошташуда**

Баҳисобгирӣ ва асоснокуниии иқтисодии тарифҳои суғуртавӣ барои суғуртаи ихтиёрии молу мулки ба гарав гузошташуда

| Нишондиҳанда | Аломат [формула] | Суғуртаи ихтиёрии молу мулки ба гарав гузошташуда |
|---|---|---|
| Баҳодиҳии эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ | q | 0,003 |
| Пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | $S_b$ | 70 000 |
| Маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | S | 721 733 |
| Шумораи ба нақша гирифташудаи объектҳои суғуртамешуда | n | 334 |
| Баҳодиҳии қисми асосии меъёри холис | $T_o = 100 * \frac{S_b}{S} * q$ | 0,030 |
| Дараҷаи бехатарӣ | y | 0,95 |
| Коэффисиенти бехатарӣ (миқдори яктарафаи тақсимоти муқаррарии стандартӣ аз сатҳи интихобшудаи бехатарӣ) | a(y) | 1,645 |
| Баҳодиҳии сарбории эҳтимолӣ | $T_p = 1{,}2 * T_o * \alpha(\gamma)\sqrt{\frac{1-q}{n*q}}$ | 0,058 |
| Баҳодидиҳии меъёри холис | $T_n = T_o + T_p$ | 0,088 |
| Сарборӣ | f | **74,3** |
| **Баҳодиҳии меъёри умумӣ** | $T_\Delta = \frac{T_n * 100}{100 - f}$ | **0,34** |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №2
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии
молу мулки ба гарав гузошташуда

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

SPITAMEN insurance

**ШАРТНОМАИ**
**СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ МОЛУ МУЛКИ БА ГАРАВ ГУЗОШТАШУДА**
**№**

**ш. Душанбе** **«__» ________ соли 20___**

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ ФС №_____________ аз санаи «___» ____________ соли 20__ фаъолият мебарад, минбаъд «Суғуртакунанда» номида мешавад, дар шахсияти Директори генералӣ ____________________, ки дар асоси Оинномa амал мекунад, аз як Тараф ва аз тарафи дигар ________________________ минбаъд «Суғурташаванда» номида мешавад, дар шахсияти _________________________________, ки дар асоси Оинномa амал менамояд, дар якҷоягӣ минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд, Шартномаи суғуртаи ихтиёрии молу мулки ба гарав гузошташудаи мазкурро (минбаъд – Шартномаи суғурта ё Шартнома), дар мазмуни зер бастанд:

## 1. ШАРҲИ МАФҲУМҲО

1.1. Дар Шартномаи мазкур чунин мафҳумҳо истифода бурда мешавад:

- **объекти суғурта** – манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд.
- **Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ Шартномаи суғуртаро бастааст.
- **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси Иҷозатномаи аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад.
- **Фоидагиранда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғурта таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- **хавфи суғуртавӣ** – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад.
- **тарифи суғуртавӣ** – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ.
- **ҷуброни суғуртавӣ** – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи Шартномаи суғурта ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд.
- **мукофоти суғуртавӣ** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро Суғурташаванда ухдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мухлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд.
- **маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дарбар мегирад;
- **ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеъае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва Шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад.
- **шартномаи суғурта** – шартнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки тибқи он Суғурташаванда ухдадор аст мукофоти суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ ухдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба молу мулки суғурташуда зарари воқеӣ ё зарар нисбати дигар манфиатҳои молумулкии суғурташуда расонида шудааст, бо шартнома пешбинишуда ба Суғурташаванда ё шахси сеюм (Фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, ҷуброни суғуртавиро анҷом диҳад.
- **полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷат дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани ухдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд.

## 2. ОБЪЕКТИ СУҒУРТА

2.1. Объекти суғурта – молу мулки ба гарав гузошташуда молу мулки ғайриманқул ба ҳисоб меравад, аз ҷумла:

2.1.1. Бинои _______________ воқеъ дар суроғаи _______________________, ки масоҳати умумӣ иборат аз ___,__ метри мураббаъ мебошад.

## 3. МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

3.1. Мутобиқи Шартномаи мазкур маблағи суғуртавӣ, ки дар доираи он объект суғурта шудааст_________,__ (_________________) сомонӣ ___ дирамро ташкил медиҳад.

## 4. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ ВА МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ

4.1. Тарифи суғуртавӣ мутобиқи Шартномаи мазкур _____% аз маблағи суғуртавиро ташкил медиҳад.

4.2. Мукофоти суғуртавӣ мутобиқи Шартномаи мазкур ________(___________) сомонӣ _____ дирамро ташкил медиҳад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

4.3. Аз рӯзи ба имзо расидани Шартномаи мазкур мукофоти суғуртавӣ бо пули миллӣ соомнӣ дар муддати 5 рӯзи корӣ дар ҳаҷми пурра пардохт карда мешавад.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Суғуртакунанда ба Суғурташаванда зарарҳои дар натиҷаи сӯхтор, задани раъду барқ, таркиш, афтидани предметҳои бегона пардохт менамояд.

## 6. ҲУҚУҚ ВА УХДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

6.1. Ҳуқуқу ухдадориҳои тарафҳо дар боби 11 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

## 7. ТАРТИБ ВА ШАРТҲОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Тибқи муқаррароти бобҳои 12-13 – и Қоидаи суғурта ба танзим даровaрда мешавад.

## 8. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Ҳодиса ба сифати ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешавад, агар он зери таъсири боби 14 – и Қоидаи суғурта қарор гирифта бошад.

## 9. АСОСҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

9.1. Асосҳои қатъ гардидани Шартномаи суғурта дар боби 10 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

## 10. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

10.1. Шартномаи мазкур аз санаи ______________ соли 20_____ то санаи ________ соли ______ амал мекунад.

10.2. Баъди итмоми муҳлати амали Шартномаи мазкур, Шартнома барои соли навбатӣ бо пардохти мукофоти суғуртавӣ барои соли навбатӣ тамдид мегардад.

## 11. МАХФИЯТ

11.1. Тамоми маълумотҳое, ки дар доираи шартномаи мазкур ба тарафҳо маълум гардидаанд, махфӣ шуморида шуда, бояд дар муддати амали шартнома махфӣ нигоҳ дошта шаванд.

## 12. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

12.1. Баҳсҳое, ки аз шартномаи мазкур бармеоянд дар асоси гуфтушуниди тарафҳо баррасӣ мегарданд.

12.2. Ҳангоми бо роҳи гуфтушунид ҳал нагардидани баҳс, тарафҳо метавонанд ба суд мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муроҷиат намоянд.

## 13. ҚИСМИ ХОТИМАВӢ

13.1. Ҳамаи тағйиру иловаҳо ба шартномаи мазкур, ки хаттӣ тартиб дода шудаанд ва дар он имзо ва муҳри тарафҳо дарҷ гардидаанд, қисми ҷудонашавандаи шартномаи мазкур буда, иҷрои он барои тарафҳо ҳатмист.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

13.2. Шартномаи мазкур дар ду нусха бо забони тоҷикӣ тартиб дода шуда, якнусхагӣ дар дасти тарафҳо нигоҳдошта мешаванд ва ҳар яки он қувваи якхелаи ҳуқуқӣ дорад.

13.3. Ҳолатҳои бо Шартномаи мазкур пешбининамуда тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаи суғуртаи ихтиёрии молу мулки ба гарав гузошташуда ба танзим даровarда мешаванд.

## 14. СУРОҒАИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲО

### 14.1. СУҒУРТАКУНАНДА

ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2
**РМА:**020030537
**РМБ:** 350101808
**с/ҳ:** 20202972780800000009
**Номи бонк:** ҶСП «Спитамен Бонк»
**с/м:** 20402972418081
**Телефон:** (+992) 44 601 79 97
**Сомона:** www.spi.tj
**Email:** info@spitameninsurance.com

Директори генералӣ

_______________ /__________.____/
(имзо) (ному насаб)

### 14.2. СУҒУРТАШАВАНДА:

________________________________
**Суроға:** ____________________
**РМА:** ____________________
**РМБ:** ____________________
**с/ҳ:** ____________________
**Номи бонк:** ____________________
**с/м:** ____________________
**Телефон:** (+992)
**Сомона:** ____________________
**Email:** ____________________

_______________

_______________/____________________./
(имзо) (ному насаб)

**АЛОҚА БО МО:**

+992 44 601 7997 / 7979 / +992 918 20 7997

info@spitameninsurance.com www.spi.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2

QR-кодро сканер намуда дар месенҷерҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба мо нависед

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №3
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии
молу мулки ба гарав гузошташуда

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

ПОЛИСИ СУҒУРТАВӢ

**СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ МОЛУ МУЛКИ БА ГАРАВ ГУЗОШТАШУДА**

Силсила: ___________ Рақам: ___________

Суғуртакунанда: ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»

Иҷозатномаи ______________ аз ҷониби БМТ дода шудааст

Суғурташаванда: ________________________________________________________________

Суроға: ________________________________________________________________

Муҳлати амал: аз «_____» ________________ с.20 ______ то «_____» _____________ с.20_

Объекти суғурта: ________________________________________________________________

Маблағи суғуртавӣ: ________________________________________________________________

Тарифи суғуртавӣ: ________________________________________________________________

Мукофоти суғуртавӣ: ________________________________________________________________

Ҳудуди амали полиси суғуртавӣ: ________________________________________________

Санаи барасмиятдарории полиси суғуртавӣ: ________________________________________

НАМУНА

**СУҒУРТАШАВАНДА: бо Қоидаи суғуртаи ихтиёрии молу мулки ба гарав гузошташуда шинос шудам ва розӣ мебошам.**

| ИМЗО | НОМИ ҲУҚУҚИИ (НОМУ НАСАБИ) СУҒУРТАШАВАНДА |
|---|---|

**СУҒУРТАКУНАНДА (НАМОЯНДАИ СУҒУРТАКУНАНДА)**

| ВАЗИФА | ИМЗО | НОМ ВА НАСАБ |
|---|---|---|

**АЛОҚА БО МО:**

+992 44 601 7997 / 7979 / +992 918 20 7997

**Телефони боварии БМТ:** (+992) 44 600 15 20

info@spitameninsurance.com www.spi.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2

QR-кодро сканер намуда дар месенҷерҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба мо нависед.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT